# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи “Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтори топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ**

Номшиносӣ ё топонимика яке аз самтҳои камтаҳқиқшудаи илми забоншиносии муосири тоҷик аст. Хосса дар самти омӯзиши осори таърихию ҷуғрофӣ ва илмию адабии гузашта аз назари топонимикаи таърихӣ корҳои муҳимму фарогир ба анҷом нарасидааст. Агар аз нигоҳи ин халои илмии забоншиносии муосир ба диссертатсияи А. Файзуллоев назар андозем, воқеан саривақтӣ ва муҳимму мубрам будани мавзуъ ва самти пажӯҳиши он собит мегардад.

Диссертант аз тариқи таҳлили лингвистии сохторӣ-семантикии забонӣ яке аз муътабартарин тазкираҳои таърихи адабиёти тоҷик “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ба тавзеҳи номвожаҳои мавриди истифодаи соҳиби тазкира мепардозад, ки он комилан, дуруст ва мантиқист.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 10 фасл, 15 зерфаслу хулоса, тавсияҳо ва китобнома иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, асосҳои назарию амалӣ ва навгониҳои таҳқиқ муфассал тавзеҳ мешавад. Дар фаслҳои алоҳидаи боби якум, диссертант хусусиятҳои топонимии вожаҳои тазкираи Давлатшоҳро баррасӣ менамояд, ки он ҷолиби диққат аст. Вай, аввал дар фасли алоҳида асари мавриди таҳқиқашро муаррифии илмӣ намудааст, ки ин мантиқист. Баъдан, дар фасли дуюм топонимҳои дар тазкири Давлатшоҳ омадаро аз нигоҳи лексикию семантикӣ баррасӣ менамояд ва дуруст таъкид месозад: “Ҳангоми баёни шарҳи аҳвол, зиндагинома ва мероси адабии шоирон Давлатшоҳи Самарқандӣ аз мавзеъҳои гуногуни ҷуғрофӣ низ ёдовар мешавад, ки онҳо макони зодгоҳ, сафарҳо, истиқомати муваққатии ин ё он шоирро ташкил медиҳанд”. Воқеан, дар тазкираи мазкур номҳои зиёди ҷуғрофӣ оварда мешаванд, ки аксари онҳо ба зиндагиномаи шоирони мавриди назари соҳиби тазкира пайванди ногусастанӣ доранд. Илова бар ин, маълумоти топонимии овардаи Давлатшоҳ аз ҳар ҷиҳат дақиқ ва муътамаданд. Ҷои таъкид аст, ки маълумотҳои топонимии дар тазкира овардаи Давлатшоҳ имрӯз на танҳо дорои арзиши хоси адабиётшиносию забоншиносианд, балки онҳо аз арзиши баланди таърихӣ

ва этнографӣ ҳам бархӯрдоранд. Ба ҳамин хотир, диссертант ойконимҳои дар тазкираи мазкур овардашударо дар фасли алоҳида ба таҳқиқ мегирад. Вай ба таври муназам ойконимҳо, хоронимҳо, комонимҳо, агронимҳо ва ғайраро тавзеҳ дода, таъкид медорад, ки топонимҳои дар тазкираи Давлатшоҳ зикр гардида, манзараи умумии ҷуғрофиёи нуфузи забону адаби форсии тоҷикиро дар асрҳои X-XV ба пуррагӣ бозгуй мекунанд.

Дар диссертатсияи А. Файзуллоев номи шаҳрҳо ё топонимҳо дар зерфасли алоҳида ба таҳқиқ омадаанд, ки он арзиши илмии боби якуми таҳқиқоти мазкурро афзудааст. Чунон ки ишора мешавад, дар тазкираи Давлатшоҳ номи беш аз 100 шаҳр оварда шудааст, ки бисёре аз онҳо то имрӯз ҳифз шудаанд. Намунаи ин Астаробод, Бағдод, Байлақон, Бозаргон, Ғазнин ва ғайра. Кӯшиши диссертант дар таҳлили сохторию семантикии топонимҳои мазкур қобили таваҷҷӯҳи хос аст.

Дар зерфасл зикр шуда, номвожаҳои бо калимаи билод сохташуда, мисли билоди Хуросон, билоди Озарбойҷон, билоди Маарра ва ғайра тавзеҳ мешаванд. Дар идома номвожаҳои бо калимаи шаҳр сохташуда, мисли шаҳри Астаробод, шаҳри Бағдод, шаҳри Балх, шаҳри Ғазнин, шаҳри Деҳлӣ, шаҳри Сарой ва ғайра таҳлил шудаанд. Баъдан, диссертант гидронимҳо, оронимҳо, антропонимҳо ва этнонимҳоро муфассал таҳлил карда, ба чунин хулоса мерасад: “Пажӯҳиш дар самти номшиносии мавзеъҳои ҷуғрофӣ дар асари Давлатшоҳи Самарқандӣ нишон медиҳад, ки дар асар қисматҳои топонимия, аз қабили ойкономия, гидронимия, оронимия ва дигар зербахшҳои он корбурди васеъ доранд”.

Боби дуюми диссертатсияи А. Файзуллоев ба пуррагӣ ба таҳқиқи сохтори морфологии топонимҳои тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ ихтисос дорад. Дар бахши аввали фасли мазкур диссертант топонимҳои мавриди назарашро дар зерфаслҳои алоҳида аз нигоҳи баромади забониашон ба таҳқиқ мегирад. Муҳим он аст, ки муҳаққиқ ҳангоми тавзеҳи баромади забонии номвожаҳои мазкури тазкира ба луғатномаҳои муътабар, ки шарҳу иттилоъашон қобили эътимод аст, такя мекунад.

Масъалаи таҳлили сохтори морфологии топонимҳои тазкираи мазкур дар фасли дуюми диссертатсияи А. Файзуллоев ба таҳқиқ меояд. Дар ин қисмат, пеш аз ҳама ҷанбаҳои сохтории вожаҳо, равишҳои таҳқиқ ва омӯзиши масоили калимасозиии марбути ономастика, пешванду пасвандҳои вожасоз, формантҳои номвожасоз ва шаклҳои калимасозии онҳо мавриди пажуҳиш ва омӯзиши ҳаматарафа қарор мегирад. Зимни таҳлили сохтори морфологии номвожаҳои тазкиари Давлатшоҳ диссертант ба чунин хулоса мерасад, ки он қобили мулоҳиза аст: “Маълум

гардид, ки аксари номҳои мавзеъҳои ҷуғрофие, ки ҳангоми баёни шарҳи ҳоли шуарою удабо ва ҳамзамонон, дар намунаи таълифоти онҳо мавриди корбурд қарор гирифтанд, дар номномаи муосири тоҷикӣ низ фаъолу серистеъмол буда, дар мавзеъҳои бисёр манотиқи Тоҷикистон ҳам бо ҳамин номҳо истифода мешаванд”. Ин ишораи диссертант барои таҳқиқи минбаъдаи мавзуъ роҳи васеъ мекушояд ва арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро бори дигар собит месозад.

Дар диссертатсияи А.Файзуллоев дар баробари муҳассаноти мазкур баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасад:

1. Ҳангоми таҳлили номвожаҳо агар диссертант ба баъзе ҷиҳатҳои решашиносии номвожаҳои мавриди назараш таваҷҷуҳ мекард, арзиши илми таҳқиқотии ӯ боз ҳам беҳтар мегардид.
2. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ ба ҷои овардани номҳои зиёди муҳаққиқон, консепсияҳои маъруфи таҳқиқотҳои ономастикӣ тавзеҳ мешуд, арзиши илмии ин бахши муқаддимаи диссертатсия меафзуд.

Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намесозанд. Диссертатсияи А. Файзуллоев “Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимҳои “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ таҳқиқоти комилу ба анҷом расида буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **Гадоев Нурхон**

Имзои Н. Гадоевро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода Абдукарим**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224–13–83
E–mail: info@tgpu.tj

«14» марти с. 2024.